Протоколи № 3

Маҷлиси васеи Шурои олимони факултети иқтисодии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 29 октябри соли 2022 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

Нуриддинова М.И. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, раиси маҷлис
Қодиров А.Л. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
Исмоилов М.М. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
Абдуллозода Д.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Қодирова Г.А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
Исматова С.А. - сармуаллима;
Дадохӯҷаев А.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Ҷӯраев М.Б. - сармуаллим;
Ҳамидова С.Ҳ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Мамадов С.В. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Саторрова М.Р. - номзади илмҳои иқтисодӣ,дотсент;
Алиҷонов Ҷ.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Шарипова Д.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Олимӣ Р.Л. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Ҳотамов А.Р. - сармуаллим;
Қурбонова Ш.Х. - сармуаллима;
Ҳасанова Н.Ҷ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, сармуаллима;
Раҳматова Н.М. - сармуаллима;
Зоидова Т.М. – сармуаллима

Оид ба таъйин намудани муқарризони холис барои диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт

**Шунида шуд:** ахбори раиси Шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодӣ Нуриддинова М.И. дар бораи ворид гардидани ариза, хулосаи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи унвонҷӯ Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- "Методҳои математикӣ ва афзорӣ

(инструменталӣ) дар иқтисодиёт" фикру дархости худро манзури аъзоёни Шуро баён намуд.

**Баромад кард:**

Котиби Шурои олимони факултет Зоидова Т.М., маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович - автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои экспертиза ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Муқарризони холис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

**Бойматов Алиҷон Азизович** – доктори илмҳои иқтисодӣ; профессор, кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Ҷабборов Абдурашит Абдукамолович** – номзади илмҳои иқтисодӣ; дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқарризон вазифадор карда шаванд, ки дар муддати 15 рӯз ба шурои олимони факултет дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дараҷаи маводи диссертатсионӣ дар маводҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи пешниҳод кардан ё накардани диссертатсия ба зинаи навбатии экспертиза ва ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 045-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тақризи худро ҷиҳати муҳокима ва баррасӣ ба Шурои олимон пешниҳод намоянд.

Қарор дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шудааст. Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 19 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид:

**"Тарафдор"** - 19 нафар

**"Зид"** – нест

**"Бетараф"** – нест

Протоколи № 3 аз 29 октябри соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

**Раиси Шурои олимон**
декани факултети иқтисодии
МДҒ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров"
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Нуриддинова М.И.**

**Котиби Шурои олимони**
факултети иқтисодии
МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" **Зоидова Т.М.**

Имзои Нуриддинова М.И., Зоидова Т.М.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси**
МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" **Наврӯзов Э.М.**

**Суроға:**
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992 3422) 6-2-73,
Факс: (+992 3422) 6 – 52 – 73.
E – mail: hgu – rector@hgu.tj.